«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисод, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
«27» 03 2021.

# ТАҚРИЗИ

ташкилоти тақриздиҳанда ба кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи “Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ).

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ.** Соҳаи кишоварзиро дар шароити имрӯза мушкилоти зиёде домангир аст, ки муҳимтарини онҳоро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст: шаклҳои хоҷагидории дар натиҷаи ислоҳоти аграрӣ арзи вуҷуд намуда самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва аҳолии деҳотро бо ҷойи кор таъмин карда натавониста истодаанд. Базаи моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ҷавобгӯи талабот набуда, имрӯзҳо аксари хоҷагиҳои навташкили кишоварзӣ аз норасоии сӯзишворӣ, тухмиҳо, хӯроки чорво, чорвои хушзот, нуриҳои минералӣ, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ва чорво танқисӣ мекашанд. Дар миёни онҳо мушкилоти истифодаи самараноку босуботи захираҳои заминҳои кишоварзӣ нақши калидӣ дорад. Ба дараҷаи самаранокии иқтисодии истифодаи замин дар кишоварзӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонад, ки дар алоқамандии мураккаби байниҳамдигарӣ амал мекунанд. Бинобар ин, таъсири ҳар як звенои алоҳидаи низоми заминдориро бо натиҷаи ниҳоии истеҳсолот ба инобат гирифтан лозим аст. Истифодаи якҷояи ҳамаи унсурҳои таркибии низоми заминдорӣ, ки аз нигоҳи илмӣ асоснок шудаанд, ба афзоиши доимии ҳосилхезии хок, ҳосилнокии зироатҳо мусоидат намуда, тараққиёти устувори истеҳсолотро таъмин менамоянд. Ҳалли ин мушкилиҳо интенсификатсияи заминдорӣ маҳсуб меёбад, ки ба комёбиҳои навтарини илму техника, таҷрибаи пешқадам ва меҳнати баландсифат асос ёфтааст. Чунин тарзи ташкили истеҳсолот имкон медиҳад, ки дар асоси мувофиқати омилҳои истеҳсолот нерӯи генетикии зироатҳои кишоварзиро бо таври пурра истифода бурда, баромади зиёдтарини маҳсулотро ба воҳиди захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва замин таъмин намоем. Дар ин ҷода самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об аҳамияти муҳимро доро мебошад. Аммо бо сабабҳои объективию субъективӣ истеҳсолоти кишоварзию агросаноатии кишвар имрӯз ба истеҳсолоте табдил наёфтааст, ки талаботи аҳолии ҷумҳуриро бо маводи озуқаворӣ худӣ таъмин намоянд. Маълум аст, ки беҳбудии вазъият дар ин самт ба самаранокии тағйиротҳои институтсионалӣ дар

соҳаи кишоварзӣ алоқамандии мустақим дорад. Мавҷудияти ин муаммоҳо ва дигар мушкилоти дар ин самт ҷойдошта муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотии мазкурро муайян намудаанд.

**<u>Дарачаи асоснокӣ ва мӯътамад будани мукаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия.</u>** Аз кори диссертатсионӣ бармеояд, **мақсади асосии таҳқиқот** диссертатсионӣ аз асосноккунии илмӣ ва методии самаранокии истифодабарии захираҳои замину об, таҳияи механизми ташкилию иқтисодии идораи захираҳои замин ва об дар шароити ислоҳоти онҳо дар асоси ҷорисозии танзими муносибатҳои бозорӣ иборат аст. Барои ба ин мақсад расидан, унвонҷӯ **вазифаҳои таҳқиқотро** пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд. Вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот дар диссертатсия объекти таҳқиқот мавзӯъ, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд. **Объекти таҳқиқот** аз омӯзиш ва таҳқиқи истифодаи самараноки захираҳои замину об дар бахши кишоварзии вилояти Хатлон иборат мебошад. **Мавзӯи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ ва равандҳое ба ҳисоб мераванд, ки ташаккулёбии самаранокии истифодаи захираҳои замину обро дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ тавсиф менамоянд. Ба ҳайси **асосҳои назариявию методологии таҳқиқот**ро назариёти тахиянамудаи олимони ватанию хориҷӣ оид ба қонуниятҳои рушди ҷомеа, назарияҳои муосири аграрӣ ва иқтисодӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, дастурамалҳо, маводи иттилоотӣ оид ба масоили истифодаи замину об, барномаҳои давлатии рушди кишоварзӣ ҷиҳати баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои замину об хизмат намудаанд. Зимни таҳқиқот ҳангоми коркард ва таҳлилу хулосабарориҳо муаллиф аз усулхои таҳқиқотӣ ба монанди усулҳои фарқияти миёнаи мутлақ, таҳлили индексӣ, қаторҳои динамикӣ, монографӣ, бузургии миёнаи арифметикӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии аналитикӣ, пешгӯикунии равандҳои иқтисодӣ истифода бурдааст. **Соҳаи таҳқиқот.** Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсонӣ ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мувофиқат менамояд: 1.2.6. Захираҳои заминии ташкилоти (муассисаҳои) МАС ва истифодаи самараноки онҳо; 1.2.14. Банақшагирӣ ва пешгӯии фаъолияти ташкилоти (муассисаҳои) МАС; 1.2.15.-фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионии ташкилотҳои (корхонаҳои) МАС;1.2.27. Иқтисодиёти ташкилотҳо (корхонаҳо) дар соҳаи хизматҳои кишоварзӣ;3.2.Тақсимоти маконии захираҳои иқтисодӣ; 3.14. Идоракунии иқтисодиёти минтақа.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот чунин арзёбӣ гардидаанд:**

- мафҳумҳои «самаранокӣ» ва «самаранокии заминистифодабарӣ» аниқ карда шуда, фаҳмиши истилоҳи «истифодаи самараноки захираҳои замину об» ҳамчун низоми муносибат дар байни субъектҳои хоҷагидорӣ

ва мақомоти идоракунии замину захираҳои табиии мавҷуда тибқи қоидаҳои камкунонии хароҷоти иқтисодӣ ва зиёни иқтисодӣ бо мақсади таъмини рушди босуботи минтақаҳо ва бехатарии хӯрокворӣи мамлакат ба вуҷуд оварда шудааст;

- низоми муносибатҳои иқтисодӣ дар системаи истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити иқтисодиёти гуногуншакл асоснок карда шуд, ки ин ба такмили механизми танзими он мусоидат намуда, таҷрибаи давлатҳои хориҷа оид ба истифодаи захираҳои замину об омӯхта шуда, механизмҳои истифодабарии онҳо дар соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон таҳқиқ гардидааст;

- чораҳо оид ба такмили механизми истифодабарии захираҳои замину об бо назардошти баҳодиҳии ҳолати имрӯзаи иқтисодии он дар шароити минтақаҳои камзамин ва барзиёдии захираҳои меҳнатии вилояти Хатлон пешниҳод карда шуданд;

- зарурати гузариш аз қоидаи маъмурию ҳудудӣ ба қоидаи гидрографию ҳудудии ташкили идораи захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ асоснок карда шуда, ташкили низоми худмухтори идоракунии ҳар як низоми обёрӣ бо гузариши ояндаи он ба сатҳи миллӣ, ба идораи ҳавзавӣ пешниҳод гардидааст;

- самтҳои афзалиятнок ва механизмҳои асосии иқтисодии истифодаи интенсивии захираҳои замину об муайян гардида, низоми тадбирҳо ҷиҳати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои кӯҳӣ, байникӯҳӣ, иҷоравӣ, байниқабатии заминҳо таҳия карда шуда, имконияти истифодаи обҳои чашмаҳо барои обёрии заминҳои кишоварзии ноҳияҳои кӯҳии вилояти Хатлон баҳо дода шудааст;

- бо истифода аз усули фарқияти миёнаи мутлақи оморӣ нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки замин аз рӯйи зироатҳои асосии хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон барои соли 2025 пешгӯӣ карда шудааст. Ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки дар соли то 2025 нисбат ба соли 2019 андозаи фоидаи хоҷагии мазкур дар маҷмӯъ ба 82%, даромаднокии истеҳсолӣ ба 3% афзоиш хоҳад ёфт.

- консепсия ва модели ташкили истифодаи самараноки захираҳои замин ва об барои ноҳияҳои камзамин ва дорои захираҳои барзиёди аҳолии вилояти Хатлон таҳия карда шудааст.

**<u>Аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот.</u> Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои методии дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омадаро, дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, банақшагирӣ ва муайян намудани дурнамои беҳсозии ҳолати замин ва мелиоративии заминҳои вилояти Хатлон истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Хулоса ва пешниҳодҳои илмии кори диссертатсионӣ оид ба такмили механизмҳои иқтисодии танзими давлатии муносибатҳои замин ва обро дар шароити минтақаҳои камзамин ва барзиёдии захираҳои меҳнатии вилояти Хатлон метавон истифода бурд. Ҳамзамон, дастуру пешниҳодҳо, ҳисобҳои анҷомдодаи

муаллифро метавон дар мавридҳои зерин истифода бурд: - ба сифати пойгоҳи назариявӣ барои таҳияи минбаъдаи чорабиниҳо оид ба ҳалли мушкилоти истифодаи сарфакоронаи захираҳои замину об ва асосноккунии баландбардории самаранокии заминистифодабарӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и вилояти Хатлон; - дар раванди таълими фанҳои иқтисоди муҷтамаи агросаноатӣ, ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ, омори кишоварзӣ, таҳлили фаъолияти хоҷагидорӣ, пешгӯикунии равандҳои иқтисодӣ, экология, иқтисодиёти хоҷагии об, усулҳои таҳқиқоти иқтисодӣ, инчунин барои донишҷӯёни равияи иқтисодӣ ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси кормандони МАС.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дошта дар шаҳри Душанбе ва шаҳри Бохтар дар тӯли солҳои 2014-2020 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд. **Интишори натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар 6 кори илмии муаллиф, аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои илмӣ ва нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар 162 саҳифаи матни компютерӣ оварда шуда, 24 ҷадвал ва 13 расмро доро мебошад.

**Мазмуни кори диссертатсионӣ.**

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзӯъ асоснок шуда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои кори илмӣ таҳия ва навгониҳои илмии он кушода шудаанд,(С.3-11).

**Дар боби якум** “Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об” асосҳои илмии самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об, методологияи баҳодиҳии самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи захираҳои замину об баррасӣ гардидаанд,(С.12-53).Дар зербоби 1.1. муаллиф асосҳои илмии самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об (С. 12-25) мавриди баррасӣ қарор додааст, ақидаҳои олимони ватанию хориҷиро оид ба мафҳуми самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода, оиди онҳо натиҷагири намудааст. Кӯшиш намудааст, ки мафҳумҳо самара, самаранокӣ, самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзиро шарҳи илми диҳад ва ин икдомоти диссертант лоиқи дастгирист, (С.21-22). Дар зербоби 1.2. методологияи баҳодиҳии самаранок истифодабарии захираҳои замину об таҳлилу баҳодиҳӣ гардидааст, (С.26-40). Ба ақидаи муаллиф, асоси баҳогузории арзиши бозории тамоми заминҳо, аз он ҷумла заминҳои таъминоти кишоварзӣ аз назарияи рентаи замин, даромади истеҳсолоти кишоварзӣ иборат аст, (С.

27). Ҳамчунин, диссертант дуруст қайд мекунад, ки ду сатҳи муайянкунии иқтидорҳои захираҳои замини кишоварзиро фарқ мекунанд: сатҳи ҳудудҳо ва сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ, (С. 29). Дар ин зербоб, дар саҳифаи 34-36 рисоланавис дар бораи нишондиҳандаҳои истифодабарии замину об маълумот додааст. Нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар расми 1.3. (С. 37) оварда шудааст. Дар зербоби 1.3. муаллиф таҷрибаи мамолики хориҷиро оид ба истифодаи захираҳои замину об мавриди таҳқиқ қарор додааст, (С. 41-53). Муаллиф дар зербоби мазкур махсусиятҳои СИИ захираҳои заминро дар давлатҳои Англия, Олмон, Дания, Италия, Чин, Нидерланд, Зеландияи нав, ИМА, Финландия, Фаронса таҳлилу баррасӣ намуда (С. 44-46), камбудиҳо ва бартариятҳои сиёсати пешгирифтаи мамолики номбурдаро нишон дода (С. 48), омилҳои идорашаванда ва идоранашавандаи заминистифодабарии сарфакоронаи замин ва обро муайян (С. 50-51) ва хулосаву пешниҳодоти худро оид ба боби якум ҷамъбаст намудааст, (С. 52-53).

Дар боби 2-юм «Баҳодиҳи ҳолати имрӯзаи истифодабари захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон» анҷом дода шудааст, (С. 54-98). Дар зербоби 2.1. - Ҳолати имрӯзаи истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон (С. 54-69.), дар зербоби 2.2. - Баҳодиҳи истифодабарии иқтидорҳои мелиоративию обёрикунии хоҷаги кишоварзии вилояти Хатлон (С.70-79.),дар зербоби 2.3.- Ҷорикуни техналогияти иноватсионӣ-асоси баландбардори самарноки истифодабарии захираҳои замин ва об мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудааст, (С. 80-89). Нуқтаҳои муҳими ин боб дар динамикаи масоҳати заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон (ҷадвали 2.1.), динамикаи заминҳои оби вилояти Хатлон (ҷадвали 2.2.), динамикаи майдони киштзори обӣ дар хоҷагиҳои аҳолии вилояти Хатлон (ҷадвали 2.3.), динамикаи кишти обии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон (2.4.), динамикаи масоҳати заминҳои шудгори вилояти Хатлон (2.5.), нишондиҳандаҳои истифодабари заминҳо дар вилояти Хатлон (ҷадвали 2.8.), ҳолати милиоративии захираҳои замини вилояти Хатлон (ҷадвали 2.14.), таркиб ва сохтори заминҳои киштзорҳои вилояти Хатлон (ҷадвали 2.17.), омилҳои истифодаи самаранокии заминҳои таъиноти кишоварзӣ (расми 2.1.) инъикоси худро ёфтаанд.

Дар боби 3-юми рисолаи илмӣ «Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон» мавриди омӯзишу натиҷагирӣ қарор гирифтаанд,(С. 99-141). Дар зербоби 3.1., омилҳои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон (С.99-111); дар зербоби 3.2., роҳҳои баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои замин дар кишоварзӣ (С. 112-123); дар зербоби 3.3., такмили низоми идораи захираҳои замин дар асоси технология инноватсионӣ (С.124-140) баррасӣ гардидаанд. Нуқтаҳои муҳимтарини ин зербобҳо самтҳои асосии баландбардории самаранокии истифодаи замин ва об (расми 3.1.), омилҳои асосии баландбардории ҳосилхезии иқтисодии замин (расми 3.2.),

нишондиҳандаҳои обистифодабарӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон (ҷадвали 3.1.), низоми ташкили идоракунии истифодаи захираҳои замин ва гардиши он (расми 3.4.), динамикаи истеҳсоли маҳсулоти асосии соҳаи растанипарварии хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахш (ҷадвали 3.3.), самаранокии иқтидории истифодабарии замин дар хоҷагии деҳқонии «Истиқлол»-и ноҳияи Вахши вилояти Хатлон (ҷадвали 3.4.), пешгӯии нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи замин аз рӯи зироатҳои асосии кишоварзии дар ноҳияи Вахши вилояти Хатлон (ҷадвали 3.5.), Блок-системаи СИҶ (расми 3.5.) махсуб меёбанд.

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1) Дар зербоби 1.1 муаллиф бояд самаранокии иқтисодии истифодабарии захираҳои замину обро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медод, аммо матн аз саҳифаи 12 то 22 ба самаранокии иқтисодии истеҳсолоти кишоварзӣ бахшида шудааст. Саҳифаҳои 22-25 ба хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ марбут ҳастанд. Яъне, муаллиф дар ин зербоб СИИ захираҳои замину обро пурра таҳлил накардааст. Хуб мешуд, ки ба омӯзиши ин масъала бештар диққат дода мешуд.

2) Дар зербоби 1.2 усулҳои баҳодиҳии иқтисодии захираҳои замин ва об бо пуррагӣ кушода нашудаанд. Формулаҳои ба ин ё он усули баҳодиҳӣ оварда нашудаанд. Хуб мешуд, ки диссертант ин усулҳо, формулаҳои марбути онҳо ва хусусиятҳои мусбию манфии онҳоро дар шакли ҷадвал пешниҳод менамуд.

3) Матни зербоби 1.3 бо саволи гузошташуда пурра мувофиқат намекунад. Ин матни ба банақшагирии ҳудудӣ ва дурнамои истифодабарии захираҳои замин дахл дорад. Яъне дар зербоби 1.3 истифодаи самараноки захираҳои замин пурра матраҳ нашудааст.

4) Дар зербоби 2.3 равшан нест, ки кадом навъи инноватсия дар хоҷагиҳои кишоварзии номбурдаи вилояти Хатлон ҷорӣ шудааст ва нишондодҳои самаранокии иқтисодии он чӣ гуна аст. Инчунин, дар расми 2.1 омилҳои нишондодаи муаллиф низ на он қадар пурра ва мукаммал мебошанд.

5) Номи боби 3-юм саҳеҳ набуда, ба зербоби 3.2 монандӣ дорад. Ҳамчунин, мувофиқи номи зербоби 3.1, масъалаи мазкур бояд дар боби якум мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

6) Хулоса ва тавсияҳо коркард мехоҳанд.

7) Иқтибосҳо аз мақолаҳои маҷаллаҳои илмии солҳои охир оид ба мавзӯи таққиқотӣ дар рӯйхат ва дар рисолаи илмӣ кам ба назар мерасанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои пешниҳодгардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо тағйир намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи “Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) пешниҳод гаштааст, рисолаи илмии анҷомёфта дорои хислату мазмуни илмию амалӣ буда, муаллифи он Шарипов И.О. сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/м №7, аз 26 марти соли 2021).

**Раиси ҷаласа,**
Мудири кафедраи иқтисод ва идораи
КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Тағоев Ҷ.Ҳ

**Ташхисгар,**
дотсенти кафедраи иқтисод ва идораи
КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ — Раҳимов О.А.

**Котиби ҷаласа,**
Муаллими калони кафедраи иқтисод ва идораи
КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Файзуллоев Т.Т.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.:(+992) 918 90 68 63 моб.

Имзоҳои Тағоев Ҷ.Ҳ., Раҳимов О.А. ва Файзуллоев Т.Т.-ро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** — Тавқиев Э.Ш.